*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, 1/2)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ).**

## 1. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти илмӣ.

Дар шароити амали муносибатҳои озоди иқтисодиву тиҷоратӣ татбиқ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз он ҷумла корхонаҳои соҳаи савдо ва хизматрасонӣ масъалаи хеле муҳим ва айни замон басо мураккаб ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дуруст зикр намудааст, ки савдои муосирро бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҳз амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдои чакана метавонад ба баланд гардидани нишондиҳандаҳои хоҷагиву молиявии онҳо мусоидат намояд. Ба андешаи муаллиф, муқаррароти илмӣ-назариявӣ, методологӣ ва методии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана таҳлили амиқ, арзёбии объективии самаранокии воқеӣ, таҳияи стратегияи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳоро ҳамчун яке аз омилҳои рушди савдо бо дарназардошти ҷавобгӯ будан ба талаботи модели инноватсионии рушди иқтисодиёт тақозо менамояд.

Бояд қайд кард, ки воқеан дар адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ диққати махсус ба ҷанбаҳои мухталифи ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ ва савдои чакана равона шудааст. Вале таҳқиқи баъзе масоили назариявӣ ва амалии рушди савдои чакана, бахусус дар шароити

иқтисоди рақамӣ ба таҳқиқоти алоҳида ниёз дошта, то андозае мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Нуқтаҳои зикршудаи зарурати рушд ва нақши савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ, инчунин аҳамияти баланди иҷтимоии он дар қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ бо молу хизматрасонӣ мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти тақризшавандаро собит намуда, аз аҳамияти баланди назариявӣ ва амалии он шаҳодат медиҳанд.

Бо такя ба ин таъкид менамоем, ки мавзӯи интихобнамудаи диссертатсияи Лутфулоев М.Д. мубрам арзёбӣ мегардад.

**2. Сохтор ва мазмуни қисматҳои асосии таҳқиқоти илмӣ.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот, сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет, соҳа ва марҳалаҳои таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, сарчашмаҳои асосии иттилоотӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсиб ва татбиқи натиҷаҳо, интишори натиҷаҳо ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешниҳод карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва илмию методии ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида шуда, дар доираи боби мазкур заминаҳои иқтисодию ташкилии ташаккули иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои хоси рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ дар робита бо таҷрибаи хориҷии рақамикунонии равандҳои савдои чакана дида баромада шудааст.

Дар ин қисмати диссертатсия дар асоси таҳлил ва таҷзияи назарияҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мафҳум ва моҳияти "иқтисоди иттилоотӣ", "иқтисоди шабакавӣ", "интернет-иқтисод" ва "иқтисоди электронӣ" (ҷадвали 1.1, саҳ. 15-16), тамоюлҳои нав дар иқтисодиёти муосир (расми 1. саҳ. 16), равишҳо оид ба муайян кардани моҳияти иқтисоди рақамӣ аз тарафи ташкилот ва марказҳои коршиносии байналмилалӣ (ҷадвали 1.2,

саҳ. 17-18), ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои мухталиф (саҳ. 19-20), моделҳои тиҷорат дар бозори ҳисобкуниҳои абрнок (расми 2., саҳ. 24), хусусиятҳои хоси фаъолияти иқтисодии субъектҳои савдои чакана дар натиҷаи татбиқи технологияҳои рақамӣ (расми 3., саҳ. 28), қарорҳои рақамӣ дар савдои чакана (расми 4, саҳ. 28), технологияҳои рақамӣ дар соҳаи платформаҳои замимаҳои мобилӣ (расми 5., саҳ. 30), таъсири технологияҳои рақамӣ ба рафтори харидорон (расми 6., саҳ. 42) баррасӣ ва таҳқиқ карда шудааст.

Ба андешаи муаллиф, технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор доранд, аммо аллакай мавқеи махсусро дар ҳаёти одамон соҳиб шуда истодаанд. Тағйирот дар савдои чакана дар натиҷаи ҷорӣ шудани технологияҳои рақамӣ хусусияти барногаштаниро дорад ва он зарурати дар оянда таҳқиқ намудани ин масъала ва рақамикунии савдоро ба миён меорад. Муаллиф қайд намудааст, ки таҳлили барномаҳои гузариши рақамии иқтисоди кишварҳои пешрафта имконияти муайянкунии самтҳои калидии онро медиҳад, ки онҳоро ба сифати афзалиятҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб кардан мумкин аст.

Дар боби дуюм таҳлили вазъи рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд амалӣ гардонида шуда, тамоюлҳои рушди рақамикунонии равандҳои корӣ дар корхонаҳои савдои чакана ошкор карда шудаст. Ҳамчунин дар боби мазкур таъсири омилҳо ба раванди рақамикунонии савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд муайян гардидааст.

Дар зерқисматҳои боби мазкур таҳлили заминаи моддию техникии савдо дар шаҳри Хуҷанд нишон медиҳад, ки таъминоти техникии баъзе аз корхонаҳои савдои чакана нисбатан паст аст, илова бар ин талаботи соҳа оид ба таҷҳизоти савдою технологӣ ва нақлиётию борбардорӣ на ҳамавақт қаноатбахш аст. Бинобар ин беҳтаркунии истифодабарии истгоҳи мавҷудаи мошинҳо, саривақт ва пурра таъмин намудани корхонаҳои савдо бо таҷҳизот ва техникаи муосир хеле муҳим арзёбӣ гардидааст. Муаллиф таҳия ва татбиқи стратегияи рушди инноватсионии савдои чаканаро самти афзалиятнок ҳисоб намуда, ҳамзамон ба захираҳои пешгуикунанда, ки онҳо бояд барои баландбардории самаранокии хизматрасонии савдо дар шаҳри

Хуҷанд истифода шаванд, диққати махсус додааст. Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳлили рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд, якчанд гурӯҳҳои масъалаҳои афзалиятнок муайян карда шудааст, ки ҳалли онҳо барои баландбардории самаранокии иқтисодию иҷтимоӣ ва хизматрасонии савдои чаканаи аҳолӣ мусоидат менамояд (саҳ. 67).

Муаллиф зикр намудааст, ки дар соҳаи савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд, дар самти рақамикунонии равандҳои савдою технологӣ баъзе пешравию тамоюлҳои мусбат ҷой доранд. Мавсуф қайд менамояд, ки раванди рақамикунонии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана бештар дар шаклҳои муосири корхонаҳои савдо, ба монанди супермаркетҳо ба чашм мерасад. Бо мақсади муайян намудани тамоюлҳои асосии раванди рақамикунонии бизнес-равандҳои корхонаҳои савдо, аз тарафи муаллиф таҳлили фаъолияти 3 супермаркете, ки дар бозори савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд алҳол мавқеи хос дорад гузаронида шудааст (ҷадвали 2.3., саҳ. 72)

Дар ҷараёни амсиласозии иқтисодӣ – риёзӣ аз усулҳои хос ҳамчун воситаҳои тадқиқотӣ муаллиф истифода кардааст, ки таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ, инчунин натиҷаҳои онҳо ҷадвалию графикӣ барои пешниҳоди натиҷаи тадқиқот нишон дода шудаанд. Моҳияти таҳияи амсилаи мазкур дар баробари омӯзиши талабот таҳлили самаранокии он, хусусан шакли анъанавӣ ва муосири маҷмаи тиҷоратӣ бо дарназардошти имкониятҳои технологияҳои рақамӣ мебошад (ҷадвали 2.4., саҳ. 77-78). Ҳамчунин аз ҷониби муаллиф Дар таҳққот дар асоси гузаронидани назарсанҷии роҳбарону мутахассиони субъектҳои савдои чакана ва пурсиши коршиносони соҳа, омилҳое, ки ба раванди рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд, ошкор ва гурӯҳбандӣ гардидаанд (ҷадвали 2.6., саҳ. 85, расми 12., саҳ. 86).

Боби сеюм фарогири асосноккунии самтҳои асосии рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити иқтисоди рақамӣ буда, принсипҳои асосии стратегияи рақамикунонии корхонаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд пешниҳод гардидааст (расми 13, саҳ. 89.).

Қобили қайд аст, ки дар боби сеюм ба самтҳои афзалиятноки рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд бо дарназардошти рақамикунонии равандҳои он таваҷҷӯҳи хос дода шуда, қайд карда шудааст, ки ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои рақамикунонии савдои чакана ҳамчунин бо ташаккули экосистемаи рақамӣ ва рушди салоҳияти рақамии кормандони савдои чакана вобастагии зич дорад (расми 20, саҳ. 118).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии назариявӣ ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Рӯйхати адабиёт фарогири 198 номгӯй буда, ҳамчунин феҳристи интишороти илмии довталаб оварда шудааст.

**3. Навгонии илмии таҳқиқот.**

Навгонии илмии диссертатсия дар гузориш ва асоснокгардонии заминаҳои назариявию методии ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба вусъат бахшидани равандҳои зикршуда ифода ёфтааст. Аз ҷумла:

1. Заминаҳои илмию назариявии ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, тамоюли ҷаҳони муосир дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ин рушди бесобиқаи технологияҳои иттиллотию коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад, ки он асоси ташаккули шакли нави иқтисод, яъне иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия марҳилаҳои ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ муайян карда шуда, дар натиҷаи омӯзишу таҳлили нуктаҳои назари олимону коршиносон таърифи муаллифии он пешниҳод карда шудааст.

2. Хусусиятҳои хос ва самтҳои асосии рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чакана дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ асоснок шудаанд. Қайд гардидааст, ки дар савдои чакана дар фарқият аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт, технологияҳои рақамӣ бояд нисбатан фаъолтар татбиқ шаванд, зеро ин раванд ба қонеъ намудани тақозои ҳар як истеъмолкунанда таъсир мерасонад. Ба андешаи муаллиф, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ дар савдои чакана фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин

ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мегардад.

3. Бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳлили иқтисодӣ, арзёбии тамоюли рушд ва рақамикунонии равандҳои корӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд амалӣ гардидааст. Муайян карда шудааст, ки ҷараёни рақамикунонӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд доираи маҳдуди марказҳои нисбатан бузурги савдо ва равандҳои маҳдуди онҳоро фарогир мебошад. Раванди рақамикунонии равандҳои тиҷоратӣ дар корхонаҳои хурд ва бозорҳо ба талаботи шароити муосири рушд ҷавобгӯ намебошад.

4. Дар асоси гузаронидани назарсанҷии роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана ва пурсиши коршиносони соҳа, омилҳое, ки ба раванди рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд, ошкор ва гурӯҳбандӣ гардидаанд. Ҳамин тавр, ба сифати омилҳои монеашавандаи рушди рақамикунонии субъектҳои савдои чакана маҳдуд будани буҷети корхонаҳо, мавҷуд набудани устувории молиявӣ ва худкифоя набудани маблағгузорӣ дар ин самт, сатҳи пасти омодагии корхонаҳои савдо ба гузариши рақамӣ сатҳи пасти маърифати рақамии кормандон, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, мавҷуд набудани стратегияи таҳияшудаи рушди рақамии корхонаҳои савдо ва ғайраҳо баромад мекунанд.

5. Самтҳои афзалиятноки рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд бо дарназардошти рақамикунонии равандҳои он асоснок гардидаанд: такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори истеъмолии шаҳр барои субъектҳои савдои чакана; амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии нархии молу хизматрасонӣ татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана; дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана; такмили низоми ҷойгирсозии шаклҳои корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ва ғ.

6. Механизми рақамикунонии фаъолияти субъекҳои савдои чакана таҳия карда шуда, тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи онҳо пешниҳод гардидаанд. Ба сифати самтҳои афзалиятноки ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар шаҳри Хуҷанд чунин бахшҳо пешниҳод шудаанд: таъмини заминаи меъёрию ҳуқуқии гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ; рақамикунонии бахши воқеии иқтисодиёт; ташаккули инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; рушди иқтидори инсонии иқтисодиёти рақамӣ; таъмини кибербехатарӣ; ба роҳ мондани идеологии самараноки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ; гузариши рақамии бахши хизматрасонӣ, аз он ҷумла савдои чакана; ташаккули экосистемаи рақамӣ ва рушди салоҳияти рақамии кормандони савдои чакана.

**4. Эътимодnокӣ ва навгониҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси истифодаи усулҳои гуногуни таҳқиқотӣ илмӣ ва асноди меъёриву ҳуқуқӣ, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати он дар шаҳри Хуҷанд, маълумот оид ба вазъи ҷанбаҳои алоҳидаи бозори истеъмолӣ ва савдои чакана таъмин карда шудааст.

Дар диссертатсия маводи зиёди дахлдори дар нашрияҳои даврӣ чоп шуда, инчунин маводи воқеии дар монографияҳои самти таҳқиқ нашршуда таҳлил карда шудааст, ки аз васеъ будани нуқтаи назари олимону муҳаққиқон доир ба мавзӯи таҳқиқот шаҳодат дода, дар ин замина мавзӯи таҳқиқот бо дастрасӣ аз усулҳо ва равишҳои гуногуни илмӣ баррасӣ карда шудааст.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни илмӣ, ба монанди усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, пурсишнома, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғ. истифода шудаанд.

Бо дарназардошти ин, метавон хулоса намуд, ки муаллифи диссертатсия ба ҳадафи худ ноил гардида, масъалаҳои гузошташуда дар доираи таҳқиқот ҳалли худро ёфтааст.

Ҳамин тавр, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, дар сатҳи зарурӣ асоснок карда шудаанд. Ба сифати бартарияти таҳқиқоти мазкур ҳамин нуқтаро метавон қайд намуд, ки

диссертатсия фарогири масъалаҳои мубрами рушди савдои чакана дар асоси татбиқи технологияҳои рақамӣ дар мисоли шаҳри Хуҷанд буда, зимнан самтҳои асосии такмили он асоснок карда шудааст. Мазмуни таҳқиқоти анҷомшуда ба ҳадафи гузошташуда ва вазифаҳои муайяншуда мувофиқ мебошад.

**5. Асоснокӣ ва муҳиммияти натиҷаҳои таҳқиқот.**

Таҳқиқот ба омӯзиш, гурӯҳбандӣ ва баррасии корҳои анҷомдодаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои нашрияҳои махсусгардонидашуда, маълумоти омории шаҳри Хуҷанд дар самти таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ асос ёфтааст.

Муаллиф бо истифода аз усулҳои маъмули илмӣ-таҳқиқотӣ соҳавиро анҷом дода, вобаста ба ҳадаф ва вазифаҳо дар диссертатсия хулосаҳоеро пешниҳод намудааст, ки аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ доранд. Маҳз ҳамин бартариятҳо асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия мураттабшударо тасдиқ менамояд.

Дар баробари ин, тасвиб ва сатҳи муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии онҳоро собит месозад. Натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда дар чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун пешниҳод ва баррасӣ шуда, дар маҷмӯъ муаллифи диссертатсия 25 мақолаи илмӣ ва фишурдаи маърӯзаҳоро ба табъ расонидааст, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудааст.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Аҳамияти назариявии диссертатсия дар таҳқиқ ва асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методологии мавзӯи таҳқиқот ва самтҳои рушди савдои чакана дар асоси татбиқи технологияҳои рақамӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани раванди рақамикунонии равандҳои кории фаъолияти субъектҳои савдои чакана бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти иқтисоди рақамӣ, аз он ҷумла рақамикунонии равандҳо дар корхонаҳои савдои чакана, ҳамчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши савдои чакана истифода шаванд

**7. Эродҳо ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия.**

Ба андешаи мо, дар диссертатсия дар баробари бартариҳо як қатор муқаррароти баҳснок вомехӯрад:

1. Дар раванди гузаронидани таҳқиқоти асосҳои назариявӣ ва методологии рақамикунонии равандҳои савдои чакана на ҳама ҷанбаҳои асосии он дар сатҳи зарурӣ баррасӣ шудаанд. Барои мисол, мушкилоти таҳия кардан, дастрас намудан ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдои чакана то андозае аз доираи таҳқиқот берун мондааст.

2. Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф мебоист, ки ҷанбаҳои гуногуни вазъи татбиқи технологияҳои рақамиро дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор медод. Дар ин ҳолат сифати диссертатсия бурд мекард.

3. Дар бахши рӯйхати адабиёти истифодашуда номгӯи корҳои илмии 198 олимони ватаниву хориҷӣ зикр карда шудааст. Аммо, дар дохили матни диссертатсия на ба ҳамаи ин адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда истинод оварда шудааст.

4. Дар диссертатсия ба масъалаи тайёр карджани кадрҳои савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ аҳамияти махсус дода нашудааст.

5. Дар диссертатсия камбудиҳои хусусияти имлоӣ ва техникидошта ба чашм мерасанд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, дар умум таассуроти мусбат ва арзиши назариявию амалии онро коста намегардонанд.

## 8. Хулоса оид ба мувофиқати диссертатсия ва меъёрҳое, ки тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар кардааст.

Автореферат ва таълифоти муаллиф мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи тақризшаванда кори илмию тахассусии анҷомшуда буда, ба муаллиф муяссар шудааст, ки вазифаҳои гузошташударо муваффақона иҷро намояд.

Диссертатсия ба Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқ мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи диссертатсия – Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
д.и.и., профессори кафедраи
системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шамсов Илёсҷон Сафарович

*Имзои д.и.и., профессор Шамсов Илёсҷон Сафарович тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС · ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ